**Ба Шӯрои диссертатсионӣ 6D.КОА-002**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Иқтисодиёти муосири бозоргонӣ сохтори мураккабе мебошад, ки аз миқдори калони унсурҳои гуногуни истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ таркиб ёфта, дар низоми бисёрҷанбаи меъёрҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ, ки бо мафҳуми ягона бозор муттаҳид мегарданд, танзим карда мешавад. Дар ин бозор рақобат механизми ҷудонашавандаи иқтисодиёт бароммад менамояд. Рақобат дар иқтисодиёт ба инҳисор муқобил меистад, зеро имкониятҳои ҳар як иштирокчии муносибатҳои бозоргониро дар таъсири инҳисор ба шарти умумии гардиши мол дар бозор маҳдуд месозад.

Фаъолияти маҳдуднашудаи инҳисорӣ рақобатро паст мекунад ва ба маҳдудкунии озодии фаъолияти соҳибкорӣ оварда мерасонад. Омили боздорандаи фаъолияти инҳисорӣ ва нигоҳдории рақобат қонунгузории зиддиинҳисорӣ мебошад. Он ба муқобили суиистеъмол дар бозор ҳам бо роҳи манъи бевоситаи намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳам ихтисори афзоиши тамоюлҳое, ки ба пастравии рақобати бозорӣ оварда мерасонанд, равона мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории зиддиинҳисорӣ танҳо дар натиҷаи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, вақте ки ба рақобат зарурати ҷомеа пайдо гардид ва минбаъд такмил дода шуд. Аммо танҳо бо манъи инҳисор ва дастгирии рақобат рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ғайриимкон мебошад. Чунки дар тамоми давлатҳои дунё, ки ба низомҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ дохил мешаванд, аз ҷумла иқтисодиёти бозоргонӣ маҷмӯи соҳаҳо ва намудҳои фаъолият мавҷуд мебошанд, ки аз доираи амали қонунгузории зидиинҳисорӣ бароварда шудаанд. Ин соҳаҳоро соҳаҳои «инҳисори табиӣ» номгузорӣ намудаанд, ки дар онҳо давлат мавқеи ҳукумфармоии истеҳсолкунандагонро новобаста аз шакли моликият муқаррар ва ҳифз менамояд ва дар онҳо, бо назардошти хусусиятҳои технологию истеҳсолӣ рақобат ҷой дошта наметавонад. Мавҷудияти инҳисори табиӣ барои давлат аз нигоҳи иқтисодӣ манфиатбахш мебошад, чунки як субъекти хоҷагӣ метавонад

кулли бозорро ба мол, кор ва хизматрасонӣ таъмин намояд ва харочоти камтарро ба маҳсулоти ягона дар фарқият аз ташкилоти ракобатдошта пешкаш намояд.

Мақсади таҳқиқоти илмиро таҳлили проблемаҳои назариявӣ, амалӣ ва муқарраротн қонунгузорӣ, ки танзими ҳуқуқии инҳисори табииро ба танзим медароранд, ба ҳисоб рафта, дарёфти роҳҳои ҳал ва пешниҳоди тавсияву таклифҳоро оид ба мукаммал гардонидани қонунгузорӣ фаро мегирад. Барои расидан ба мақсадҳои иброзгардида муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ як қатор вазифаҳоро муайян намуда ҳамчун самти мушаххаси таҳқиқот баррасӣ намудааст.

Дар диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ бо назардошти мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Аз ҷумла усулҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез дар диссертатсия истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ бошад, усули шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бештар ба кор бурда шудаанд. Ҳамаи ин ба таъмини самаранокии танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар амал нигарнида шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳод шуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил гардонидани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиккунӣ дар соҳаи мазкур аҳамияти хосса ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалияш, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад.

Автореферати диссертатсияи Ҷаборов Диловар Абдукаҳорович аз нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ холӣ нест.

Мувофиқи мақсад, мебуд, ки унвонҷӯ дар автореферати диссертатсия ва умуман дар таҳқиқот оид ба паҳлуҳои гуногуни таносуби рақобат ва инҳисобори табиӣ тавaҷҷӯҳ намуда, ин масъалаҳоро пурратар таҳқиқ мекард.

Эроде, ки дар боло зикр шуда аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда,

ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ доишта, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҷаборов Диловар Абдуқаҳорович ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Мудири кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии**
**Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Каримов А.Қ.**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: 224-83-93. Факс: 224-17-86. E-mail: info@did.tj.

**Имзои Каримов А.Қ.-ро тасдиқ менамоем.**
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси**
**Академияи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ғоибуалимзода И.И.**